*ТДУ 39 (575) (09)*

**САҲМИ ПАЙРАВОНИ МАКТАБИ СОДИРХОН ҲОФИЗ ВА РУШДИ ТАЪРИХИИ ҲУНАРИ ШАШМАҚОМ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX**

***Аслиддин Низомӣ,*** *профессор, доктори илмҳои санъатшиносӣ,* ***Убайдуллоев Сайдулла Гайбуллаевич,*** *дотсент, унвонҷӯи кафедраи мусиқии суннатии тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ВКЛАД ПОСЛЕДОВАТЕЛЕЙ ШКОЛЫ СОДИРХОН ХАФИЗА И ИСТОРИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ИСКУССТВА ШАШМАКОМА ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XX ВЕКА**

***Асиддин Низомӣ,*** *профессор, доктор искусствоведения,* ***Убайдуллоев Сайдулла Гайбуллаевич,*** *доцент, соискатель кафедры традиционной таджикской музыки ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

**THE CONTRIBUTION OF THE FOLLOWERS OF THE SODIRKHON HOFIZ SCHOOL AND THE HISTORICAL DEVELOPMENT OF THE ART OF SHASHMAKOM REFERRING TO THE SECOND HALF OF THE 20TH CENTURY**

***Asliddin Nizomi, Professor,*** *Dr. of Art Criticism).****E-mail:*** *asnizamov@yandex.ru;* ***Ubaydulloev Saidullo Ghaybullaevich,*** *Associate Professor, applicant of the the Department of Traditional Tajik Music, SEI «KhSU named after acad. B. Gafurov» (Tajikistan. Khujand),*
***E-mail:*** *aydullo63@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: Шашмақом, Фитрат, Успенский В.А., Беляев В.М., мактаби ҳунарии Хуҷанд, сабти нота, мусиқии классикӣ, намунаҳои нави мақомсароӣ, «назира», «назирасозӣ», «Ушшоқи Содирхон»*

*Дар нимаи дуюми асри XX дар Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддӣ дар соҳаҳои мухталифи маориф ва фарҳанг ба амал омаданд (фаъолияти гурӯҳҳои нави ҳунарӣ, театрҳои халқӣ ва муассисаҳои соҳа). Бо ибтикори шахсӣ ва дар ҳамкорӣ бо устод Садриддин Айнӣ аз ҷониби сарвари ҳамонвақтаи Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров (1947) кори ба нота гирифтани Шашмақом оғоз гардид. Яке аз дастовардҳои мактаби ҳунарии Хуҷандшаҳр ва услуби нодири Содирхон – «назирасозӣ» аст, аз ҷумла «Ушшоқи Содирхон», «Қашқарчаи Содирхон», силсилаҳои «Сегоҳ», «Чоргоҳ» ва ғайра. Ворисони мактаби Содирхон Ҳофиз, дар баробари устодони Бухоро барои тарғиби ҳамаҷонибаи санъати Шашмақом ба майдони ҳунари пойтахт ворид шуданд, ки М.Баҳодуров, М.Болтуев, Б.Ниёзов, Ҷ.Набиев, К.Қосимов, Ҷ.Муродов ва дигарон аз ҳамин шуморанд. Онҳо ба хазинаи мусиқии замони нав падидаи хеле зарурӣ – унсурҳои мактаби Содирхон Ҳофизро устодона ворид намуданд. Аз ҳамин лиҳоз, дар баробари услубҳои қадимии мактаби Бухорову Самарқанд дар фарҳанги мусиқии тоҷик сабки ширини мактаби Содирхон Ҳофиз низ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар шароити онзамонаи фарҳангсозиҳо дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ, ки баъзан талошҳои беҳуда перомуни мероси фарҳангӣ ба амал меомаданд, ин воқеаи бузурги таърихӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёфт.*

***Ключевые слова:***_*Шашмаком, Фитрат, В.А.Успенский, В.М.Беляев, худжандская школа музыкального искусства, нотная запись, классическая музыка, новые образцы исполнения макомов, «назира», «назирасози», «Ушшоки Содирхон».*

*Во второй половине XX столетия в Таджикистане произошли серьёзные преобразования в различных областях образования и культуры (деятельность новых образованных народных театров а также различные культурные учреждения). По личной инициативе тогдашнего руководителя Таджикистана Бабаджана Гафурова (1947), а также непосредственным участием Садриддина Айни, началась работа по расшифровке Шашмакома. Одним из достижений худжандской школы музыкального искусства и уникальной манеры исполнения Содирхона является так называемая «назирасози» («Ушшоки Содирхон», «Кашкарчаи Содирхон», циклы «Сегох», «Чоргох» и другие). Последователи школы Содирхона наряду с бухарскими мастерами участвовали в популяризации искусства Шашмакома в столице республики (М.Баходуров, М.Болтуев, Б.Ниёзов, Дж.Набиев, К.Косимов, Дж.Муродов и другие). Они ввели в сокровищницу таджикского музыкального искусства нового времени элементы исполнительской школы Содирхон Хофиза. Таким образом, неповторимый и своеобразный стиль исполнения макомов Содирхон Хофиза в музыкальном искусстве таджиков наряду с исполнительскими школами*

*Бухары и Самарканда занимает особое место. В условиях культурного строительства того времени в советских республиках (иногда возникали бессмысленные и необоснованные стремления вокруг культурного наследия), это было историческим и культурным событием.*

***Keywords:*** *shashmaqom, Fitrat, V.A. Uspensky, V.M. Belyaev, Khujand tenet of musical art, musical notation, classical music, new patterns of performance of maqoms, "nazira", "nazirasozi", "Ushshoq Sodirkhon".*

*Annotation. Major transformations took place in Tajikistan, in various fields of education and culture (newly formed folk theaters` activities as well as various cultural institutions) referring to the second half of the 20th century. At the personal initiative of the then leader of Tajikistan, Bobojon Gafurov (1947) the direct participation of Sadriddin Aini work began on deciphering Shashmaqom as well. One of the achievements of Khujand tenet of musical art and the unique manner of performing Sodirkhon is the so-called "nazirasozi" ("Ushshoq Sodirkhon", "Qashgharcha Sodirkhon", cycles "Segoh", "Chorgoh" and others). Sodirkhon tenet`s followers alongside with Bukhara masters participated in the popularization of the art of Shashmaqom in the capital of the republic (M.Bahodurov, M.Boltuev, B.Niyozov, J.Nabiev, K.Qosimov, J.Murodov and others). They introduced elements of Sodirkhon Hofiz performing tenet into the treasury of Tajik musical art of modern times. Thus, the unique and original style of performance of Sodirkhon Hofiz`s maqoms occupies a special place in Tajik musical art, alongside with the performing tenets of Bukhara and Samarkand. Under the conditions of cultural construction of that time in the Soviet republics (sometimes senseless and unfounded aspirations around cultural heritage arose) this was a historico-cultural event.*

Аз таърихи фарҳанги муосири тоҷик дар қарни XX маълум аст, ки маҳз дар нимаи дуюми он, аниқтараш пас аз итмоми Ҷанги бузурги ватанӣ (солҳои 1941-1945), дар фазои иқтисодиву сиёсии кишвар таҳовулоти ҷиддӣ ба амал омада соҳаҳои мухталифи маорифу фарҳанг низ ба зинаи нави тараққиёти худ қадам задаанд. Дар ин замон руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, рӯ овардан ба арзишҳои маънавии асил бо қувваи тоза ва ғайрати бузург авҷ мегиранд. Ҳамин буд, ки айнан фавран пас аз анҷоми ҷанги зидди фашизм дар пойтахти Тоҷикистон эҳёи падидаҳои гуногуни ҳунар, рушди адабиёти бадеӣ, назми ватанпарастӣ, бунёди иншооти бузурги фарҳангӣ оғоз гардиданд.

Дар ҳамин давра дар олами ҳунари мусиқӣ низ таҳаввулоти назаррас ба миён омада, гурӯҳҳо нави ҳунарӣ, театрҳои халқӣ ва муассисаҳои соҳа ба фаолият шуруъ мекунанд. Дар соли 1947 бо ибтикори шахсӣ ва дар ҳамкорӣ бо устод С.Айнӣ аз ҷониби сарвари ҳамонвақтаи Тоҷикистон Б.Ғафуров барои ба Душанбе даъват намудани устодони Шашмақом чораҳо андешида шуда, дар андаке муддат кори ба нота гирифтани ин шоҳасари мусиқӣ оғоз мегардад.

Ин амали бузурги сиёсӣ-фарҳангӣ дар асл аз муҳтавои мақолаи машҳури устод С.Айнӣ «Назаре ба гузаштаи санъати тоҷик» сарчашма гирифтааст, зеро маҳз дар ҳамин мақолаи начандон калон, вале хеле муҳим устоди бузургвор С.Айнӣ нақши мусиқии қадимии тоҷик, таърихи пайдоиш ва ривоҷи онро бо такя ба маъхазҳои хаттӣ исбот намудааст [1].

Ба масъалаи рушду такомули ҳунари Шашмақом дар нимаи дуюми қарни XX муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои зиёд таваачуҳ намудаанд. Масалан, дар ҳамин хусус мусиқишиноси тоҷик Н.Ҳакимов чунин навиштааст: «Мусиқии суннатии тоҷик дар садаи XX ба дигаргуниҳои гуногуни таърихӣ дучор гаштааст, ки самти анъанавии ривоҷу равнақи онро куллан дигар намуд... Дигаргуниҳои ба миён омада самти тараққиёти фарҳанги муосири тоҷикро тағйир дода, ба фарҳанги суннатии тоҷик анъанаҳои навинро ворид сохт ва раванди тарбияи мутахассисони соҳаи фарҳангро дигар намуд» [5, с. 5].

Муаллиф дар ин таҳқиқот бо далелҳои аниқ ва устувор вазъияти рушди Шашмақом дар давраи нимаи аввали асри XX мавриди шарҳу таҳлил қарор додааст ва зимни ин таъкид намудааст, ки маҳз дар ҳамин давра, яъне то солҳои 50-60 қарни гузашта заминаҳои асоси эҳёи санъати мақомхонӣ бунёд гардида буданд. Дар ин таҳқиқот Н.Ҳакимов шарҳи фаолияти мактабҳои гуногуни мақомхониро ба қалам оварда, ҳамзамон ба мактаби Хуҷанд низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ӯ доир ба ҳаёту фаолияти эҷодии Содирхон Ҳофиз ва пайравонаш - Б.Ниёзов, М.Болтаев, Ӯ.Дадобоев, О.Аҳмадов, М.Баҳодуров, М.Аминзода, Ҷ.Набиев ва дигарон маълумоти мухтасар оварда, бо ҳамин барои шинохти намояндагони мактаби Содирхон Ҳофиз қадами аввал мегузорад.

Дар мақолаи мазкур мо мақсад гузоштем, ки саҳми пайравони мактаби Содирхон Ҳофизро дар ташаккули фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи дуюми а. XX мавриди таҳлил қарор диҳем, зеро маҳз дар ҳамин давра дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе иқдомҳои нахустини таърихӣ вобаста ба рушду такомули мусиқии классикӣ, аввалин гурӯҳҳои ҳирфаии мақомсарой,

аввалин муассисаҳои таълимӣ барои омодасозии кадрҳои ҷавон ба тасвиб расиданд. Аз ҷумла, аввалин маротиба Ансамбли давлатии Шашмақомхонон дар назди Кумитаи телевизион ва радио таъсис дода шуд ва маҳз дар ҳамин солҳо (яъне аниқтараш дар соли 1947) кори таърихии ба нота гирифтани кулли бобҳои Шашмақом сурат гирифт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ин корро асосан устодони мактаби Бухоро – Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов ва Б.Файзуллоев зери роҳбарии мусиқишиноси маъруфи шӯравӣ В.Беляев бо иштироки композитори маъруф И.Рогалский ба анҷом расонида буданд. Ҷилди нахустини он (мақоми Бузрук) дар соли 1950 дар Маскав ба чоп расид ва бо ҳамин марҳилаи комилан нави рушди санъати Шашмақом оғоз гардид, яъне минбаъд оҳангҳои безаволи Шашмақом ба ҷараёни услуби хаттии нота ҳамроҳ шуданд ва боҳамин барои мутахассисони олам имконияти ошноӣ бо ин мероси бузурги мусиқӣ фароҳам омад. Муҳаққиқ Р. Аминҷонов маҳз ба ҳамин давра таваҷҷуҳ намуда, хулоса мебарорад, ки марҳилаи сеюми рушди Шашмақом аз ҳамин давра, яъне аз нашри нави мукаммали Шашмақом бо ибиткори устодони Бухоро - Б.Файзуллоев, Ш. Соҳибов ва Ф.Шаҳобов маншаъ мегирад ва услуби тозаи таҳқиқи ин шоҳасар роҳандозӣ мегардад [2, с. 189].

Бояд ёдовар гардид, ки нашри нахустини нотаҳои Шашмақом соли 1924 дар Маскав амалӣ шуда буд, вале он бидуни матни шеърҳои классикӣ чоп гардид. Ин сабабҳои зиёд дошт, шояд он вақт таҳрир ва ҷойгузории матнҳои тоҷикӣ дар хатти нота заҳматталаб буд, ё худ нафароне пайдо шуда буданд, ки барои иловаи матнҳои тоҷикӣ зиддият нишон медоданд.

Дар ҳар сурат, бино ба маълумоте, ки аз мактуби муаллиф ва мураттиби нашри аввал В.А.Успенский бармеояд, ҷонибҳо (мураттибон ва муҳаррир В.Беляев) аз ин масъала бархӯрдор буданд. Масалан, В.А.Успенский доир ба ин муаммо ба унвони В.Беляев (муҳаррири нашри соли 1924) чунин навиштааст: «Имкон пайдо карда, ба ту ҳамаи маълумотро оид ба Шашмақом мефиристам, ба истисноии матнҳои шеърӣ, ман онҳоро омода накардам, зеро Фитрат инро нахост, гарчанде ман ба ӯ зарурати масъаларо фаҳмонда будам»[2].

Аз дигар мактубҳои В.Успенский низ маълум мегардад, ки онҳо ҳамеша маҳз бо матнҳои тоҷикии Шашмақом дучор омадаанд ва аз сароянлагон онҳоро сабт кардаанд. Масалан, ӯ аз ҳамкориҳояш бо Шораҳим Шоумаров (ҳофиз, донандаи мақомҳо дар Тошканд) ёдовар шуда, соли 1934 дар мактуби худ ба В.Беляев чунин навиштааст: «Оҳанги «Чоргоҳ»-ро сабт кардам, вале аснои барои чоп ба Узгиз[3] пешниҳод намудан, масъалаи тарҷимаи матн пеш омад. Фоҷиаангезаш он аст, ки Шораҳим, ки худаш онро ба забони форсӣ иҷро кардааст, маъниашро тамоман намефаҳмад» [7, с. 323].

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки олими русзабон В.Успенский худаш низ забони тоҷикиро намедонист ва шояд аз ҳамин сабаб (ё худ дар пайравӣ ба ҷараёни пантуркизми он замон) навиштааст, ки Шораҳим сурудро «ба забони форсӣ» хондааст. Зикри маълумот оид ба нашри аввал (соли 1924) муҳим аст, зеро дар нашри нави соли 1950 боз ҳам бо пешниҳоди В.Беляем қисми Мушкилоти Шашмақом (бахши созии он) айнан аз нашри пешина оварда шудааст.

Доир ба рушди минбаъдаи маданияти мусиқӣ, аз ҷумла Шашмақом дар солҳои 50-60 таърихшиноси маъруфи тоҷик, академик А. Мухторов хотираҳоро аз суҳбати Б.Ғафуров ба Ҳ. Мавлонова ёдовар шуда, чунин иброз намудааст. Б.Ғафуров: «Ҳанифахон, ария хондан кори бад нест. Вале хуб мешуд, ки Шумо сурудҳои Содирхон Ҳофиз, сурудҳоро аз Шашмақом бештар иҷро намоед, овозатон ба ин сурудҳо мувофиқ аст» [3, с.80].

Муҳтавои ин муроҷиати аллома Б.Ғафуров барои таҳқиқи хусусиятҳои рушди санъати мусиқии он давра хеле муҳим аст, зеро аён мегардад, ки сарвари ҳамонвақтаи Тоҷикистон бо як

---

[2] Аз мактуби В.Успенский ба В.Беляев, ки санаи 04-июли соли 1927 навишта шудааст. Ниг.: Успенский В.А. Научное наследие. Воспоминания современников. Композиторское творчество. Письма. / Составитель И.Акбаров. Ташкент, 1980.- саҳ.234. Аз матни мактуб маълум аст, ки ба ин кор маҳз Абдурауф Фитрат - Вазири маорифи он вақтаи Бухоро розӣ нашудааст.

[3] Узгиз – Нашриёти давлатии Ӯзбекистон дар назар дошта шудааст (С.У.).

ишора ҳидоят ба он намудаанд, ки фавран бояд ба фазои фарҳанги мусиқии пойтахт маҳз услуб ва мероси Содирхонро низ ворид намуд.

Тимсоли олии дастовардҳои мактаби ҳунарии Хуҷандшаҳр ва услуби нодири Содирхон дар он аст, ки намояндагони ҳамин мактаб дар фазои фарҳангии Осиёи Миёна яке аз аввалинҳо шуда услуби хеле ҳам аҷоиби эҷодӣ - «назирасозӣ»-ро дар фазои мусиқии ҳирфаӣ таъсис доданд. Маҳз ҳамин анъана буд, ки дар воҳаи Хуҷанд намунаҳои тозаи мақомсароӣ - «Ушшоқи Содирхон», «Қашқарчаи Содирхон», силсилаҳои «Сегоҳ», «Чоргоҳ» ва дигар намунаҳои олии «назира» ба оҳангҳои классикии мактаби Бухорову Самарқанд эҷод шуданд. Яъне ин як намуд сабқати бузурги эҷодӣ ба шумор мерафт ва назири онро дар минтақа паёдо намудан ғайриимкон аст.

То имрӯз мутахассисон ва мухлисони мусиқии классикӣ «Ушшоқи Самарқанд»-и Ҳоҷӣ Абдулазизро бо «Ушшоқи Содирхон» муқоиса намуда, дар ҳайрат мемонанд, ки чи тавр ду нусхаи як Ушшоқи қадимӣ дар замири ду ҳунарманди асил – яке дар Самарқанд ва дигарӣ дар Хуҷанди бостон тавлид шудаанд. «Ушшоқи Содирхон» воқеан назираест ба «Ушшоқи Самарқанд», вале дар ягон авҷу фуровард, ё зарбу лаҳн онро такрор (ё худ тақлид) накардааст.

Яъне ин ҷо маълум мегардад, ки то чи андоза зарурати ворид намудани услуби Содирхон ба доираи амалкарди санъати Шашмақом дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми қарни гузашта моҳияти бузургеро соҳиб гардида буд.

Чунонки маълум мегардад, бо мақсади иҷрои ҳамин ҳидояти Б.Ғафуров айнан ҳамин амалро баъдан устодони варзидаи санъати мусиқии давр, пайравон ва шогирдони бевоситаи Содирхон Ҳофиз -М.Баҳодуров, М.Болтаев, Б.Ниёзов, Ҷ.Набиев, К.Қосимов, Ҷ.Муродов ва дигарон дар дараҷаи баланди ҳунарӣ иҷро карда тавонистанд. Яъне ворисони мактаби Содирхон Ҳофиз, ки ворисони услуби хос ва равияи нодири мақомсароӣ маҳсуб меёфтанд, дар баробари устодони Бухоро, барои тарғиби ҳамаҷонибаи санъати Шашмақом ба майдони ҳунари пойтахт ворид шуданд.

Ин масъала моҳияти хеле бузурги фарҳангӣ ва сиёсӣ низ дошт, зеро он замон дар доираи таҳқиқоти мутахассисон доир ба вижагиҳои мактаби Содирхон, пайравони ӯ, услуби хоси иҷрокунандагии ин мактаб маълумоти казоӣ мавҷуд набуд. Яъне он замон дар доираи илми мусиқишиносӣ, ки бештар ва асосан дар Самарқанду Тошканд рушд ёфта буд, доир ба вижагиҳои услуби Содирхон ва умуман аз мактаби мақомсароии воҳаи Хуҷанд маълумот дода намешуд. Гарчанде бояд ёдовар гардид, ки муҳаққиқи маъруфи шӯравӣ В.А.Успенский дар мактубҳояш ба В.Беляев (муҳаррири нашри панҷҷилдаи Шашмақом) борҳо навишта буд, ки дар водии Фарғона, аз ҷумла дар Хуҷанду Исфара, намунаҳои асили мақомсароӣ васеъ маъмуланд [6].

Б.Ғафуров, ки аз нозукиҳои ин масъала дарак доштанд, бо маслиҳат ва ҳидояти сарварона ба он ноил шуданд, ки минбаъд услуби зебо ва хосаи иҷрои мусиқии классикӣ, ки дар воҳаи Хуҷанд ва атрофи он (Исфара, Истаравшан, Хӯқанд) ривоҷ меёфт, дастраси мухлисони сершумори мусиқии классикӣ дар пойтахт ва навоҳии ҷануби Тоҷикистон гардид.

Тавре болотар зикр намуда будем, Н.Ҳакимов масъалаи рушди Шашмақомро дар давраи солҳои 50-70 таҳлил намудааст, вале доир ба саҳми ворисони мактаби Содирхон, яъне нақши хоссаи онҳо дар рушди мусиқии классикӣ дар пойтахт ва тарғиби он тавассути шабакаҳои радио ва телевизиони ҷумҳурӣ шарҳи муфассал наовардааст.

Аз ин ҳам пештар, яъне дар солҳои нимаи аввали асри гузашта дар адабиёти мусиқишиносӣ ва фарҳангшиносӣ дар бораи мавҷудияти мактаби Содирхон Ҳофиз, ҳунар эҷодии шогирдони ӯ ва умуман доир ба хусусиятҳои ин услуби нодир ва нотакрори сарояндагӣ маълумоти муфассал ба назар намерасад. Ҳамин аст, ки мо қарор додем ин масъаларо, яъне саҳми хоссаи ворисони мактаби Содирхон дар рушди санъати Шашмақом дар давраи нимаи дуюми а. XX мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Яке аз аввалинҳо шуда ба пойтахт ҳунарманди шинохта, устоди созу навои хуҷандӣ Маъруфхӯҷа Баҳодуров даъват мешавад ва нахуст дар филармонияи навтаъсиси давлатӣ (солҳои 1940-1957) ва сонитар дар ҳайати гурӯҳи мақомсароёни Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ (солҳои 1957-1963) ба фаолияти эҷодӣ оғоз мекунад. Дар ҳамин айём устод Акашариф Ҷӯраев ба услуби овозхонии М.Баҳодуров таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Аз оғози солҳои 40-ум ба пойтахт ҳамчунин сароянда ва танбурнавози дигари хуҷандӣ – шогирди бевосита таълимгирифтаи Содирхон Ҳофиз устод Мақсудҷон Болтуев (Мақсудҷони Танбӯрӣ) меоянд. Ин ҳунарманди асил шуруъ аз соли 1908 аз устод Содирхон таълими навохтани танбӯр ва овозхониро азбар намуда буд ва бешубҳа ворисиасосии ҳунари устодаш ба шумор мерафт.

Қолиби зикр аст, ки дар ҳамон давра (соли 1946) композиторони маъруфи рус Н.Зубков ва Е.Прокофйев маҳз дар иҷрои Мақсудҷон Болтаев (овоз ва танбӯр) 15 адад намунаҳои осори Содирхон Ҳофизро ба лента сабт ва ба нота мегиранд [3]. Чунонки маълум аст, овозхони маъруфи Шашмақом, устод Барно Исҳоқова Маҳсудҷон Болтаевро ба сифати яке аз устодонаш ном бурдааст [5,с.130], за ин сабаб, метавон хулоса баровард, ки саҳми ин шогирди асили Содирхон Ҳофиз дар тарбияи яке аз беҳтарин сарояндаи Шашмақом аз зумраи занҳо, яъне Б.Исҳоқова хеле назаррас аст. Фаолияти устодон М.Баҳодуров ва М.Болтаев дар доираи гурӯҳҳои ҳунарии пойтахт марҳилаи нахустини ҷараёни ба доираи услубҳои овозхонии ҳирфаӣ ворид сохтани унсурҳои иҷрогарии Содирхон ба шумор меравад.

Чунонки маълум мешавад, минбаъд ин ҷараён хеле авҷ мегирад ва дар ҳамин давра дар ш. Хуҷанд шуҳрати овозхони номӣ, устод Боймуҳаммад Ниёзов, ки дар олами мақомсароӣ услуби хосса, яъне бо ҳамовозии рубоб иҷро намудани осори классикиро ҷорӣ намуда буд, баланд мешавад. Б.Ниёзов ҳунари сароянд агӣ ва мутрибиро аз бобояш Ҳоҷимуҳаммад Азиматов, ки аз шогирдони Содирхон Ҳофиз буд, омӯхтааст. Дар солҳои 1939-1942 ӯ дар Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд (ҳоло Коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофиз) таҳсил намуда, асосҳои назариявии мусиқиро низ комилан азбар намудааст.

Яъне Б.Ниёзов аввалин вориси услуби Содирхон маҳсуб меёбад, ки тавонист услуби нодири овозхонии хуҷандиро бо донишҳои муосири соҳаи таълифи мусиқӣ пайванд созад. Ҳамин буд, ки соли 1963 ӯро ба пойтахт ба сифати овозхони Ансамбли мақомсароёни Кумитаи телевизион ва радио даъват мекунанд. То ин муддат устод Б.Ниёзов аснои фаолияти эҷодӣ барои тарбияи ду нафар ҷавонони ҳунарманд – Ҷ.Набиев ва Ҷ.Муродов саҳмгузор гардида буд ва чунонки маълум аст, баъдан онҳо низ дар тарғиби услуби Содирхон Ҳофиз дар тамоми кишвар номбардор шуданд.

Дар пойтахт устод Б.Ниёзов солҳои дароз бо устодони Шашмақом – Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов ҳамкориҳои эҷодӣ намуда, дар ҷараёни сабти овозии маҷмуи кулли Шашмақом ба фонди тиллоии радиои мамлакат фаолона саҳмгузор гардид. Шуруъ аз солҳои 80-ум Б.Ниёзов роҳбари бадеӣ ва устоди овозхонии Ансамбли давлатии шашмақомхонон таъин мегардад ва дар давраи сарвариаш барои тарбияи шогирдон ва муҳимтараш, барои устувор намудани ҷойгоҳи сабки Содирхон Ҳофиз дар тарғиби мусиқии классикӣ хизмати бузургеро анҷом додааст.

Соли 2003 устод Б.Ниёзов дар ҳамкорӣ бо устодон А. Абдуллоев, М.Муҳиддинов ва А.Низомов ҷилди аввали нашри нави Шашмақомро бо сабти тозаи нотавӣ омода намуданд, ки дар он бо нуктасанҷии хос услуби сароянд агии устодони Хуҷанд, Исфара ва Истаравшан инъикос гардидааст[4].

Мактаби эҷодии Б.Ниёзов дорои хусусиятҳои хоси иҷрогарӣ буда, дар он шояд аввалин маротиба истифодаи намунаҳои зиёди назми классикӣ (хусусан аз осори Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ), дар таълифи оҳангҳои нави сабки классикӣ дида мешаванд, ки ин силсилаи оҳангҳои комилан навро Б.Ниёзов дар услуби мақомҳо эҷод намудааст. Дар ин ҷода Б.Ниёзов аснои ҳамкориҳои бисёрсола ба устодон Ф.Шаҳобов ва Ш.Соҳибов пайравӣ намудааст, яъне дар баробари иҷрои намунаҳои меросии Шашмақом, ба эҷоди сурудҳои нав дар равия ва услуби таълифи Шашмақом пардохтааст.

Сурудҳои Б.Ниёзов дар солҳои 70-80-уми қарни гузашта дар байни шунавандагони тамоми ҷумҳурӣ шуҳрати зиёд пайдо карданд, зеро услуби тоза, талаффузи фаҳмои шеър, ҳамовозии рубоб худ як падидаи навгонӣ буд. Аммо муҳимтараш ин аст, ки устод Боймуҳаммад Ниёзов лаҳнҳои Шашмақомро хеле оммафаҳм ва бо овози ширин месуруданд. Ба ин оҳангҳои маъруфи Б.Ниёзов «Бар нигори ман баред» (ш. С.Айнӣ), «Бар лаби дарё биё» (Сайидои Насафӣ), «Хуҷандиям» (ғ. Камол), «Эй ҷони ман асират» (Мушфиқӣ), «Ғарибӣ» (Камол), «Офтоб аст» (Саъдӣ), «Секинак» (халқӣ), «Гуфт: ба мо чӣ?» (Саҳбо), «Гавҳари якдона бош» (Кошиф), «Дил мефиребӣ» (А.Ҷомӣ), «Моҳи тобонам биё», «Васфи Бадахшон» (ш.М.Турсунзода), «Ошиқи духтари маҳпора шудам» (ш. М.Раҳимӣ), «Тиру камон баромад» (ш. А.Шукӯҳӣ) ва даҳҳо дигар

[4] Шашмақом. Мақоми Рост. Ҷ.1. ( мураттиб ва муҳаррири масъул- А.Низомов).- Душанбе, 2007.

намунаҳои осори устод мисол шуда метавонанд, ки аксари кулли онҳо айнан дар доираи мувофиқат ба қонунҳои таълифи мақомҳо эҷод гардидаанд [9, с.7-172].

Яъне метавон собит намуд, ки дар давраи нимаи дуюми қарни ХХ намунаҳои асил ва падидаҳои нодири эҷодиёти Б.Ниёзов, М.Болтуев, М.Баҳодуров ба фазои мусиқии замон навоварии хосса ворид намуданд. Масалан, дар иҷрои М.Баҳодуров аввалин маротиба тавассути радиои ҷумҳурӣ намунаҳои нодир ва он замон барои шунавандагони пойтахт номаълуми Шашмақом, ки мутаассифона ба панҷҷилдаи Маскав ворид нагардидаанд, садо доданд.

Мухлисони сершумори мусиқии классикӣ маҳз дар ҳамин натиҷа бо оҳангҳои қадимии «Панҷгоҳи Содирхон», «Шаҳнози Содирхон», «Савти Муҳайяр», «Гулёри Содирхон», «Сегоҳи Содирхон I-II-III-IV», «Каримқулбегии Содирхон», «Дилхурӯши Содирхон», «Ушшоқи Содирхон», «Қашқарчаи Ушшоқи Содирхон», «Савти уфари Содирхон» ошно гардиданд [8, с.96]. Сабти овозии «Талқини Содирхон»-ро бо матни ӯзбекӣ, дар иҷрои ҳунармандони Ӯзбекистон бародарон Сӯфихоновҳо имрӯзҳо хеле машҳур гардидааст. Ин худ як навоварии таърихӣ ба ҳисоб мерафт, зеро дар он давра аксари мутахассисон ва дӯстдорони мусиқии ҳирфаӣ чунин меҳисобиданд, ки санъати мақомҳо ба Душанбе маҳз тавассути устодони Бухорову Самарқанд омада бошад. Маъруфхӯҷа Баҳодуров дар баробари ҳифзи услуби Содирхон Ҳофиз, инчунин ба иддаи зиёди ғазалҳои шоирони классик оҳангҳои тоза эҷод намуда, бо ҳамин исбот сохтанд, ки ҳунари волои бастакорӣ дар воҳаи Хуҷанд побарҷо будааст.

Андаке баъдтар дар шаҳри Хуҷанд фаолияти хеле пурсамари сарояндаи хушилҳон Ҷ.Набиев оғоз мегардад, ки ӯ низ воқеан меросбари услуби Содирхон Ҳофиз ба шумор меравад. Шурӯъ аз охири солҳои 1960-ум Ҷӯрабек Набиев иддаи калони оҳангҳои нави замонавиро эҷод ва ба лента овози радио пойтахт сабт менамояд. Сурудҳои «Суруди ҷавонӣ» (ш. М.Турсунзода), «Лутф фармо» (ш. А.Баҳорӣ), «Оҳиста, оҳиста» (ш. Сайидо), «Тоҷикистони азизам» (ш. М.Аминзода), «Тири нигоҳ» (ш. Н.Туғрал), «Ёди ту» (ш. А.Баҳор), «Зулфи сумансо» (ш. Н.Туғрал), «Ғамзаат» (ш. М.Баҳор), «Чашмаи илҳом» (ш. Лоиқ) [10, с. 454-476] ва дигар оҳангҳои Ҷ.Набиев аз лиҳози зарбу оҳанг ва руҳияи бадеӣ падидаҳои комилан тоза буданд ва барои ғанӣ гардонидани фазои фарҳангии мамлакат нақши бузургро иҷро карданд. Дар ин маврид низ бояд иқрор гардид, ки маҳз пайравони Содирхон Ҳофиз дар олами мусиқии нимаи дуюми асри ХХ навовариҳои назаррас ворид намуданд.

Дар муддати зиёда аз ним аср фаолияти эҷодиаш Ҷ. Набиев аз зинаи муҳассилии мактаби овозхонии Хуҷанд ба дараҷаи олӣ – ба сатҳи устоди соҳибмартабаи ин мактаб расидааст. Ҳамин аст, ки яке аз хислатҳои хоси эҷодиёти Ҷӯрабек Набиев ин мунтазам риоя ва ҳифз намудани нозуктарин унсурҳои санъати мусиқии Хуҷандшаҳр, аниқтараш, мактаби бастакории он ба шумор меравад.

Бори дигар ёдовар мешавем, ки репетуари Ансамбли мақомсароёни радио бештар аз услуби овозхонӣ ва танбурнавозии Бухоро сарчашма мегирифт, дар ҳамин ҳолат ворид шудани сабки сарояндагӣ ва бастакории пайравони Содирхон дар фазои мусиқии он давра насими фараҳбахш ва навгонии хеле ҳам муҳим гардид.

Чунонки болотар зикр гардид, услуби асосии сарояндагӣ дар фаолияти Ансамбли давлатии Шашмақоми назди Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ аз ҳунари олии устодони Бухоро – Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов сарчашма мегирифт, ки ин воқеан боиси ифтихор гардида буд, яъне пойтахти Тоҷикистон дар мавриди мусиқии классикӣ вориси ҳақиқии сабки мақомхонии Бухоро гардида буд.

Вале дар ҳамин ҳолат сару садоҳое баланд мешуданд, ки гӯё санъати мақомхонӣ дар дигар манотиқи Тоҷикистони имрӯза кам дучор мешуда бошад. Нахустин шуда заифии ин ақидаро устоди зиндаёд Акашариф Ҷӯраев исбот намуданд ва чандин оҳангҳои классикии қадимиро, ки дар замонҳои гузашта дар водии Рашт маъмул буданд (аз қабили «Ушшоқи Дарвоз», «Ироқи Дарвоз», «Талқини Дарвоз») аз нав зинда карданд. Муаллифи китоби «Таърихи мусиқии тоҷик» Аслиддин Низомӣ дар ин хусус чунин фармудааст: «...бояд эътироф кард, ки «Чаҳорзарб»-и Акашариф сюитаи нодир ва нотакрор аст, онро маҳз худи ҳофиз зимни истифода аз услуби мураккаботи қадимӣ (мураккабот, яъне мақомсозӣ - С.У.), ки аз ҷумла дар воҳаи Дарвоз низ маъмул буданд, эҷод кардааст» [5, С. 333].

Яъне аз як ҷониб устод Акашариф Ҷӯраев, аз ҷониби дигар пайравони Содирхон Ҳофиз (дар мисоли М.Баҳодуров, Б.Ниёзов, М.Болтуев) дар як замон доираи афкори фарҳангии кишварро хеле мукаммал сохтанд ва онҳо бо ҳунари олӣ ва дониши комили мероси бузурги қадимии халқи

тоҷик исбот намуданд, ки решаҳои санъати мақомхонӣ дар мавзеи кӯҳистони Тоҷикистон низ самар доштаанд.

Яке аз дастпарварони мактаби овозхонии Хуҷанд, устод Ҷ.Муродов низ гуфтан мумкин аст, бевосита дар бари устодони ҳамин мактаб тарбия ва ба воя расидааст. Нахуст шуҳрати Ҷ.Муродов дар пойтахти мамлакат асосан бо офаридани силсилаи маълуми оҳангҳо ба ашъори устод Мирзо Турсунзода паҳн гардид, вале дар оғози солҳои 70-ум ин ҳунарманди асил, ки дар овони ҷавонӣ аз иддаи зиёди унсурҳои мусиқии классикӣ бахрабардорӣ намуда буд, ба иҷрои намунаҳои маъруфи Шашмақом таваҷҷуҳ намуд. Ҳамин буд, ки ин намояндаи боистеъдоди мактаби Содирхон Ҳофиз бахшҳои қариб ба фаромӯшӣ рафтаи мақомҳо – «Гулъузорам», «Ушшоқ», «Қӯшчинор», «Бозургонӣ» барин сурудҳоро аз нав ва бо матнҳои тоҷикӣ эҳё намуд ва бо ҳамин бори дигар исбот намуд, ки мактаби мақомхонии устод Содирхон Ҳофиз ҷойгоҳи аслии хешро соҳиб гардид.

Соли 1980 бо ташаббуси рӯзноманигори маъруф О.Латифӣ ва мусиқишинос А.Низомов - мудири кафедраи мусиқии Шарқи Донишкадаи санъати ба номи М.Турсунзода яке аз устодони маъруфи мусиқии классикӣ, ғижжакнавоз ва бастакори нотакрор устод Мирзоқурбон Солиев ба Душанбе даъват мешавад. Ин шахсияти бузурги санъати мусиқӣ воқеан ворисе услуби Содирхону Умар Ҳофиз ва умуман соҳиби мактаби хосу услуби нотакрори ғижжакнавозӣ ба шумор мерафт. Дар Донишкадаи санъат барои ин устод ҳамаи шароити таҳсилу таълим фароҳам оварда шуд ва шогирдон аз он кас маҳорати навозандагӣ (дар ғижжак ва дутор) ва муҳимтараш сабки қадимии мактаби Содирхонро азбар намуданд. Мутрибони машҳури имрӯз – С.Худойбердиев (дутор), В. Алиакбаров (дутор), Р.Норкаллаев (ғижжак) ва даҳҳо дигар шогирдон маҳз дар ҳамин солҳо аз устод Мирзоқурбон Солиев нозуктарин асрори мутрибиро ёд гирифтанд. Яъне дар тарбияи кадрҳои баландихтисос низ саҳми пайравони мактаби Содирхон Ҳофиз хеле бузург аст.

Аз маълумоти мавриди таҳлил қарор гирифта чунин бармеояд, ки дар нимаи дуюми қарни XX дар давраи эҳёи бузургтарин суннатҳои фарҳангӣ, аз ҷумла рушди нави таърихии санъати Шашмақом, саҳми намояндагони маъруфи мактаби сароядагии Содирхон Ҳофиз хеле бузург аст. Онҳо бо ҳунари нодир, сабки хосса ва репертуари хеле гуногунранги мақомхониҳо ба фазои фарҳангии пойтахти Тоҷикистон ва умуман ҷумҳурӣ, аниқтараш ба хазинаи мусиқии замони нав падидаи хеле зарурӣ – унсурҳои мактаби Содирхон Ҳофизро устодона ворид намуданд.

Ҳамин тавр, собит гардид, ки дар баробари услубҳои қадимии мактаби Бухорову Самарқанд дар фарҳанги мусиқии тоҷик сабки ширини мактаби Содирхон Ҳофиз низ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар шароити онзамонаи фарҳангсозиҳо дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ, ки баъзан талошҳои беҳуда перомуни мероси фарҳангӣ ба амал меомаданд, ин воқеаи бузурги таърихӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёфт.

**АДАБИЁТ:**


1. Айнӣ, С. Назаре ба гузаштаи санъати тоҷик/ С.Айнӣ// маҷ. Шарқи сурх.- 1941, № 3.- с. 11-16.
2. Аминжонов, Р.Н. Эволюция «Шашмакома» (во второй половины XIX – начала 40-х годов XX века)/Р.Н. Аминжонов. – Худжанд, 2019. – 228 с.
3. Зубков, Н.Собрание сочинений Содирхон Хафиза/Н.Зубков,Е.Прокофьев.-Сталинабад, 1946.
4. Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик/ А.Низомӣ. – Душанбе, 2018. – 382 с.
5. Саидзода, Ф. Ворисони Шашмақом/ Ф. Саидзода.-Душанбе, 2024.-214с.
6. Саидкаримов, Б. Ҳаёти мусиқии Хуҷандшаҳр (охири асри XIX – ибтидои асри XX)/ Б. Саидкаримов. – Хуҷанд, 2002. – 56 с.
7. Успенский, В.А. Научное наследие. Воспоминания современников. Композиторское творчество. Письма/В.А. Успенский/ Составитель И.Акбаров. Ташкент, 1980.
8. Бобошарифов, С. (Содирхон Ҳофиз). Асарҳои мунтахаб. Мураттиб, муаллифи пешгуфтор, ҳавошӣ ва феҳристи осор Н.Ҳакимов. – Хуҷанд: Нашриёти «Меркурий принт», 2011. – 96 с.
9. Сурудҳои Боймуҳаммад Ниёзов. Банотагиранда ва тартибдиҳанда Ҳ.Ҷумаев. – Душанбе: Адиб, 1988 – 196 с.
10. Милоди муҳаббат. – Хуҷанд: Хуросон, 2021, - бо сурратҳо 496 с.

**REFERENCES:**

1. Aini S. Some views on the past of Tajik art. // The Red Orient. - 1941, No. 3. P. 11-16.
2. Aminjonov R.N. The evolution of "Shashmaqom" (referring to the second half of the 19th century - the beginning of the 40-ies of the 20th century). - Khujand, 2019. - 228 p.
3. Zubkov N., Prokofiev E. Collection of compositions by Sodirkhon Hofiz. - Stalinabad, 1946.
4. Nizomi Asliddin. The history of Tajik music. - Dushanbe, 2018. - 382 p.
5. Saidzoda F. Heirs of Shashmaqom. - Dushanbe, 2024. – 214 p.
6. Saidkarimov B. Musical life of Khujand-city (appertaining to the end of the 19th century – the beginning of the 20th century). - Khujand, 2002. - 56 p.
7. Uspensky V.A. Scientific heritage. Memories of contemporaries. Composer creativity. Letter. / Complied by I. Akbarov. - Tashkent, 1980.
8. Sodirkhon Bobosharifov (Sodirkhon Hofiz). Selected compositions. Compiled, introduced, summarized and edited by N.Hakimov. - Khujand: Mercury Print, 2011. - 96 p.
9. Boymuhammad Niyozov`s Songs. Noted and edited by H.Jumaev. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1988. - 196 p.
10. The birth of love. - Khujand: Khorasan, 2021. (With photos). - 496 p.